**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар

ба номи Носири Хусрав,

доктори илмҳои биологӣ, профессор

__________ Давлатзода Сайфиддин

«12» 06 2021

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ҳайдарова Бисаноат Умаровна дар мавзӯи “Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Асри XVIII ҳам аз назари воқеаҳои сиёсӣ, ҳам аз назари таърих ва таҳаввулоти адабӣ як давраи хос маҳсуб мешавад, ки бо вуҷуди мавриди омӯзиши олимону муаррихон, адабиётшиносону забоншиносон қарор гирифтан он ҳанӯз саҳифаҳои норавшан ва ноомӯхтаи худро дорост.

Бино ба маълумоти «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, «Маҷмӯат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ, «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва «Маҷлисафрӯз»-и Абдурраҳмонхоҷаи Носеҳ дар асри XVIII дар Хуҷанд шоироне, аз қабили Шайдои Хуҷандӣ, Шукӯҳи Хуҷандӣ, Нозили Хуҷандӣ, Фозили Хуҷандӣ, Шӯхии Хуҷандӣ, Дониши Хуҷандӣ, Кошифи Хуҷандӣ, Зинати Хуҷандӣ, Нузҳати Хуҷандӣ, Шаҳдии Хуҷандӣ, Роиҷи Хуҷандӣ, Лисонии Хуҷандӣ, Маъюси Хуҷандӣ, Ҳотифи Хуҷандӣ, Равнақи Хуҷандӣ, Волии Хуҷандӣ ва дигарон зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Гурӯҳе аз ин суханварон бо доираи адабии Хӯқанд робитаи наздик доштанд ва аксарашон баъди хатми мадрасаи Хӯқанд дар ин шаҳр зиндагии хешро идома дода, ба муҳити адабӣ ва фарҳангии Хӯқанд шомил шуда, ба кори эҷодӣ пардохтаанд. Аз ин рӯ, баъзе аз шоирони маъруф, монанди Нозили Хуҷандӣ, Фозили Хуҷандӣ ва Кошифи Хуҷандиро марбут ба шоирони доираи адабии Хӯқанд медонанд.

Мавриди зикр аст, ки адабиёти Мовароуннаҳр ҳамчун адабиёти мустақил дар иртибот бо адабиёти Хуросону Ҳиндустон ривоҷ пайдо кард ва дар маҷмӯъ, дар густариш, такомул ва пешрафти адабиёти умумитоҷикии форсӣ нақши муассир гузошт. Дар ин ҷода баробари

теъдоди зиёди суханварони гуногунпоя накши суханвари мумтози ин аср Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ низ калон аст.

Аз ҳамин рӯ, даст ба таълифи диссертатсияи номзадӣ задани муҳаққиқ Ҳайдарова Бисаноат Умаровна дар мавзӯи “Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ” шоистаи таҳсин ва дастгирӣ мебошад. Таҳқиқи марҳалаҳои таърихии ин давраи адабиёт, муайян намудани осори адабии суханварон, барқарор намудани тарҷумаи ҳоли онҳо, муайян намудани хусусиятҳои осори адабӣ, падидаҳои ҳунарӣ, таъйини ҷойгоҳи ашъори иҷтимоӣ, сабку услуби суханварон ва монанди инҳо имкон медиҳад, манзараи умумии адабиёти ин даврро то андозае пеши назар ҷилва диҳем. Шӯхии Хуҷандӣ низ аз қабили адибони соҳибқалам ва боистеъдодест, ки зиндагиву фаъолияташ ба ҳамин давраи начандон мукаммал омӯхташуда рост меояд. Омӯзиши осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз назари мавзӯю мундариҷа, сабку услуб ва падидаҳои ҳунарӣ имкон фароҳам меоварад, ки на танҳо боз як нафар суханвар муаррифӣ гардад, балки ин иқдом барои мушаххас намудани равандҳои адабӣ, тамоюлҳо, падидаҳо ва дастовардҳои адибони Мовароуннаҳр такони ҷиддие хоҳад буд.

Ба ҳайси сарчашмаи дасти аввал дар таълифи рисола нусхаҳои хаттии девони Шӯхии Хуҷандӣ, аз ҷумла, нусхаҳои хаттии шумораи 863/II ва 2313 Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, “Мунтахаби ғазалиёт”- и Шӯхии Хуҷандӣ дар таҳияи Баҳром Раҳматов мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ҳамчунин манобеи адабие, аз қабили “Тухфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб”-и Возеҳи Бухороӣ, “Тазкират-уш-шуаро”-и Неъматуллоҳи Муҳтарам, “Тазкират-уш-шуаро”-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, “Тазкират-уш-шуаро”-и Садри Зиё, “Тазкират-уш-шуаро”-и Сиддиқхони Ҳашмат ва маъхазҳои дигари адабии давраи мазкур ба кор рафтааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар он аст, ки бори нахуст мероси адабии шоири асри XVIII Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ муаррифӣ гардида, саҳми ӯ дар ривоҷи адабиёти форсии тоҷикӣ дар ин давра нишон дода шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он ба хусусиятҳои бадеӣ ва сабки ашъори шоир ва масъалаҳои марбут ба рӯзгору осори боқимондаи ӯ равшанӣ андохта, арзиши эҷодиёти ӯ ва мавқеи онро дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, бахусус дар асри XVIII муайян ва мушаххас менамояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои илмии бадастомада метавонад, дар таълифи китобҳои дарсии мактабҳои олии риштаи адабиёт ва мактабҳои миёна, дастурҳои таълимӣ оид ба таърихи таҳаввули навъҳои адабӣ, адабиёти форсии тоҷикӣ дар асри XVIII истифода гардад. Инчунин аз маводи диссертатсия ҳангоми омодасозии курси лексияҳо аз адабиёти давраи мазкур ва гузаронидани семинару курсҳои махсус дар мавзӯъҳои "Адабиёти тоҷик дар асри XVIII", "Назарияи анвои адабӣ" дар факултетҳои забон ва адабиёти тоҷики коллеҷҳо ва мактабҳои олии кишвар метавон истифода намуд.

Диссертант зимни таълифи диссертатсия аз равиши муқоисавӣ-таҳлилӣ кор гирифта, аз осори таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ, монанди Садриддин Айнӣ, Эдуард Браун, Евгений Бертелс, Аҳмад Гулчини Маонӣ, Парвиз Нотили Хонларӣ, Саидризои Нақавӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Абдулғанӣ Мирзоев, Иосиф Брагинский, Расул Ҳодизода, Баҳром Сирус, Носирҷон Маъсумӣ, Садрӣ Саъдиев, Саҳобиддин Сиддиқ, Султонмурод Воҳидов, Субҳон Амирқулов, Абдулманнон Насриддинов, Мирзо Муллоаҳмад, Усмон Каримов, Эргашалӣ Шодиев, Саъдулло Асадуллоев истифода бурдааст.

Муаллифи диссертатсия умдатарин масъалаҳои омӯхтанашудаи рӯзгор ва осори Мирзо Шӯхии Хуҷандиро дар асоси сарчашмаҳои дасти аввал, аз ҷумла ду нусхаи хаттии девони шоир мавриди пажӯҳиш қарор дода, саҳву хатоҳои дар ин самт эҷодшударо ба ислоҳ оварда, ҷойгоҳи шоирро дар адабиёти асри XVIII тоҷик таъйин кардааст. Натиҷаҳои асосии пажӯҳиш дар диссертатсия ва гузориши мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф дарҷ ёфтааст, ки андешаҳои фавқро тақвият мебахшанд.

Диссертатсия аз муқаддима, чор бобу зерфаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 169 саҳифаро ташкил мекунад.

Дар муқаддима, тибқи талабот, аҳамияти таҳқиқ ва дараҷаи омӯзиши он, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст, ҳамчунин методҳои таҳқиқ тавсиф гардида, арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқот баён ва ва навгониҳои рисола иброз шудааст.

Боби аввали диссертатсия **«Мероси адабии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ва таҳаввулоти таърихии муҳити адабии Мовароуннаҳр дар асри XVIII »** унвон дошта, аз чор фасл иборат мебошад.

Дар фасли аввали боби аввал, ки **«Таҳаввулоти таърихии муҳити адабии Мовароуннаҳр дар асри XVIII »** ном дорад, диссертант ба таври мухтасару мушаххас дар бораи замони зиндагии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ сухан рондааст.

Фасли дуюми боби аввал “**Нигоҳе ба таърихи таҳқику омӯзиши рӯзгор ва осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ**” унвон дошта, масъалаи омӯзишу таҳқиқи рӯзгору осори шоирро дар адабиётшиносии тоҷик дар бар мегирад. Дар ин қисмати кор диссертант баҳсу андешаҳои мавҷудро дар ин мавзӯъ бар асоси санадҳо ва далелҳои илмӣ мунсифона хулоса ва ҷамъбаст намудааст.

Фасли сеюми боби якуми рисола - “**Таркиби жанрии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ**” ба таснифи анвои шеъри шоир бахшида шудааст.

Фасли охири боби якум ба тавсифи “**Нусхаҳои хаттии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ**” бахшида шудааст.

Боби дувуми диссертатсия “**Муҳтаво ва таркиби осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ**” унвон дошта, фасли нахустини он “**Тараннуми ишқ ва масоили дигар дар ашъори шоир**” ном дорад. Диссертант муайян намудааст, ки девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ асосан аз ғазал иборат буда, шоир анъанаи дерини ғазалсароиро идома бахшидааст ва низ ҳамчун анъана мавзӯи ишқро дар ғазалиёти худ ба ҳайси яке аз мавзӯъҳои асосӣ қарор додааст.

Фасли дувуми боби дувуми диссертатсия “**Ирфон дар ғазалиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ**” ном дорад. Мувофиқи таҳқиқоти диссертант, дар шеъри Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ мазомини ирфонӣ хеле равшану возеҳ ба назар мерасанд.

Фасли сеюми боби дувуми рисола “**Назари иҷтимоии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ**” унвон дошта, дар бораи дидгоҳҳои иҷтимоии шоир маълумот медиҳад.

Боби сеюми рисола - “**Сувари хаёл ва услуби бадеии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ**” фарогири ду фасл мебошад. Диссертант дар фасли нахустини ин боб, ки “**Мухтассоти сабк ва забони ғазалиёти шоир**” ном дорад, ба таҳлилу баррасии вижагиҳои сабку услуби ашъори шоир пардохтааст.

Фасли дуюми ин боб “**Сувари хаёл дар шеъри Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ**” номгузорӣ шуда, ба таҳқиқи қудрати суханварӣ ва хаёлпардозии шоиронаи Шӯхии Хуҷандӣ бахшида шудааст.

Боби чоруми диссертатсия “**Суннатҳои адабӣ дар ғазалиёти шоир**” ном дошта, се фаслро дар бар мегирад. Фасли аввали ин боб “**Таъсири анъанаҳои адабии форсии тоҷикӣ ба осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ**” ном дорад ва ба масъалаҳои таъсирпазирии шоир аз шоирони пешини адабиёти тоҷик бахшида шудааст.

Диссертант дар фасли дуюми ин боб - “**Корбурди навъҳои маъмули адабӣ дар эҷодиёти шоир**”, дар бораи навъҳои адабии мавҷуд дар девони шоир ва хусусиятҳои ин навъҳо маълумот медиҳад.

Дар фасли охирини боби чорум, ки **“Авзон, қофия ва радифи ғазалиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ”** ном дорад, диссертант муайян намудааст, ки Шӯхии Хуҷандӣ идомабахши ғазалсароии адибони классикии тоҷик буда, дар осораш муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти инсонӣ дар робита ба ҳаводису воқеоти замони шоир инъикос ёфтааст.

Ба ҳамин тартиб, таҳқиқот нишон медиҳад, ки Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар партави суннатҳои шеъри классикӣ дар корбурди унсурҳои зотии каломи манзум: вазн, қофия ва радиф маҳорати волое нишон дода, аз як тараф, анъанаҳои адабиёти классикиро идома бахшидааст, аз сӯйи дигар, онро бо ҳунари вижаи суханофаринии худ такмилу тақвият дода, номашро дар сафи нодирагуфторони адабиёт сабт кардааст.

Дар канори дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси тамомияти ҳусни таҳқиқот хоҳанд буд:

1. Хулосаи боби аввал бисёр мухтасар аст. Ҳарчанд дар ин бахши диссертатсия муҳаққиқ барои тадвини нусхаи илмӣ-интиқодии девони Шӯхии Хуҷандӣ пешниҳодҳои ҷолибе кардааст, вале дар маҷмӯъ матолиби дар ин боб баррасигардида ба сурати лозима хулоса ва ҷамъбаст нагардидаанд.

2. Дар баргардонии баъзе аз абёти шоир бо хатти кириллӣ ғалатхонӣ роҳ ёфтааст. Барои мисол, дар байти зер ба ҷойи вожаи “ҷӯшдидаи” калимаи “ҷӯшдидаам” оварда шудааст:

Баҳрему **ҷӯшдидаам** тӯфони ҳодисот,

Киштии Нӯҳ раҳ набарад дар канори мо (диссертатсия. саҳ. 80).

3. Дар баъзе абёти ҳамчун шавоҳид овардашуда ҳуруф ва калимоти зиёдатӣ ба вазни шеър халал ворид намудаанд. Барои мисол, дар калимаи “Хусравон”-и баёти зер пасванди ҷамъбандӣ зиёдатист:

Аз пардагоҳи чарх ҳамин мерасад ба гӯш:

Ку **Хусравони** нишаста дар ин шомиёнаҳо (саҳ. 50).

4. Дар диссертатсия хатоҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ низ мушоҳида мешаванд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ ҳусни рисоларо кам намекунанд ва ислоҳи онҳо низ вақти зиёд тақозо намекунад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия бо автореферат, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо 7 мақолаи таълифнамудаи муаллиф пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Ҳайдарова Бисаноат Умаровна дар мавзӯи “Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ” таҳқиқоти пура анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи

Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошад.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав рӯзи 11.06. 2021, суратҷаласаи №12 баъди муҳокимаи диссертатсия мураттаб гардид.

**Раиси ҷаласа, мудири кафедраи адабиёти тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои филологӣ, дотсент:** **Аҳмадов Сафармад Гадомадович**
**телефон: (+992)98 815 75 81**
**e-mail: ahmadovsafar74@mail.ru**

**Котиби ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ:** **Муродов Алишер Аслонхонович**

**Эксперт, доктори илми филология, профессор:** **Тағаймуродов Рустам Ҳакимович**

**Имзоҳои С. Аҳмадов, А. Муродов ва Р. Тағаймуродовро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ДДБ ба номи Носири Хусрав:** **Шукурзод Ҷ. А.**

**Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ 67, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53**
**E-mail: ktsu78@mail.ru**